# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

Бо назардошти аҳамияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ доштанаш дар солҳои охир таваҷҷӯҳӣ зиёд ба яке аз самтҳои афзалиятноки он - сайёҳии таърихию фарҳангӣ, ки ҳадафи асосии он шиносоӣ бо мероси фарҳангӣ ва таърихии мавзеи сайёҳиро дорад, ба худ ҷалб намудааст.

Дар ин масъала яке аз мавзеҳои афзалиятнок ҳудуди ВМКБ маҳсуб меёбад. Ин минтақа дорои иқтидори ғанӣ ва гуногунҷанбаи таърихию фарҳангӣ (ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, мавзеъҳои таърихӣ, биноҳо, иншоот ва ғ.), инчунин гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, ки бо анъана, усули зиндагӣ ва тарзи ҳаёти хоси худ, меъёрҳои рафтор, эътиқод, забон ва ғайра, ки объектҳои ҷолиби сайёҳии таърихӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёбанд, фарқ мекунад. Бо таъсиси самараноки сохторҳои ташкилӣ ва идоракунӣ, ин минтақа имконияти ба маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ мубаддал шуданро дорад.

Дар солҳои охир бо ривоҷу равнақ додани соҳаи сайёҳӣ ва аз он ҷумла сайёҳии таърихӣ-фарҳангӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зиёде рӯи кор омада истодаанд.

Бояд гуфт, ки сайёҳии таърихию фарҳангӣ ин намуди сайёҳие мебошад, ки мақсади асосии он боздид намудан аз мавзеъҳое, ки дар он ҷо объектҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мавҷуд буда, онҳо оиди ҳастии фарҳангу хусусиятҳои этнографӣ, меъморӣ, анъана, маросими ҳаёт ва тарзи зисту зиндагонии халқҳои минтақаи мазкур маълумот медиҳанд. Вобаста аз амали намудани ин намуди фаъолияти сайёҳӣ, дар ҳудуди ВМКБ объектҳои зиёде арзи вуҷуд доранд. Илова бар ин ВМКБ ба

қатори мавзеҳои камшумори сайёраи Замин дохил мешавад, ки бойгарии таърихию фарҳангӣ ва табииашро то кунун маҳфуз нигоҳ доштааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бойгарии беҳамтои ин минтақа то кунун ба таври лозимӣ дар ташкил ва амалӣ намудани соҳаи сайёҳӣ ба таври лозими истифода нашудааст. Аз ин лиҳоз, сайёҳии таърихию фархангии ин мавзеъ то кунун ҳамчун намуди мустақили соҳаи сайёҳӣ фаъолият надорад, то ин ки он ба сифати мол ва ё ин ки хизматрасонӣ ба сайёҳон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми иҷроиши рисолаи илмӣ муаллиф як қатор навовариҳои илмиро таҳқиқ намудааст, ки барои рушди ояндаи соҳаи сайёҳии кишвар хеле аҳмиятноканд:

- дар асоси тафриқаи ҳудуд вобаста аз мавҷудияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва дараҷаи мусоид будани ҳудуд, минтақаи омӯзишӣ ба ноҳияҳои алоҳида ҷудо карда шудааст;

- масъалаҳои асосии рушди сайёҳии таърихию фарҳангии минтақа таҳлил ва муайян карда шуда, марҳилаҳои асосии рушди самараноки сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян ва асоснок карда шудааст;

- дар диссертатсия дар асоси омӯзиши равишҳои методологии осори таърихию фарҳангии минтақа модели мувофиқи ташкилию иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки истифодаи самараноки он ба баланд бардоштани самаранокии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд;

- дар асоси таҳлили ҳаматарафаи мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар ҳудуди ВМКБ асоснок карда шудааст;

- бо мақсади баланд бардоштани нерӯи ин намуди фаъолияти сайёҳӣ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар проблемаҳои минтақа, роҳҳои самараноки идоракунии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян карда шуда, барои дар амал ҷорӣ намудани бандҳои он, пешниҳоду тавсияҳо манзур гардидаанд.

Натиҷаҳои бадастовардашуда хеле ҷолиб ва аксари он барои таҳқиқи рисолаи илмӣ навоварӣ буда аҳамияти калони амалӣ ва назариявӣ доранд.

Муаллиф мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусияти ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор истифода намудааст. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардида эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотии назариявии муаллифи рисола бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқотӣ асоснок шудааст.

Рисолаи илмии Симоилбеков А.М. дар мавзӯи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», ҳамчун таҳқиқоти мустақил ва мукаммали илмӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи технологияҳои**
**иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳии МДТ**
**“ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода”**
**номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент** **Раҳмонов А.**

Тасдиқ менамоям
10.05.2023

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ